**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Ҳиматзода Ҳасан Ҳимат дар мавзуи «Иињикоси вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV дар «Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 –Таърихнигорӣ,маъхазшиносӣ ва методҳои тадқиқоти таърихӣ**

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур мавзуи «Инъикоси вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV дар «Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд»-ро фаро мегирад. Мавзуи мазкур ба таҳлили вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии нимаи дуюми асри XIV ва асри XV-и Мовароуннаҳру Хуросон пайваста, диққати муаррихони хориҷӣ ва дохилиро ба худ ҷалб намудааст. Роҷеъ ба ин давраи таърихӣ пажӯҳандагони зиёде чи дар дохил ва чи дар хориҷ таҳқиқоти мушкифона доир ба вазъи иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ анҷом додаанд. Инчунин дар ҳамин раванд сарчашмаҳои зиёди хаттӣ ва рисолаҳо тасҳеҳ, бозгардон ва дифоъ шуданд.

Бояд қайд намуд, ки бо такя ба таҳлили амиқи манбаъҳои таърихӣ ва назариявӣ бори аввал асари «Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд мавриди таҳқиқи сарчашмашиносӣ ва муайян кардани он ҳамчун манбаи дасти аввал қарор мегирад. Натиҷаи таҳқиқро метавон ҳангоми омӯзиши раванди ҳодисоти асрҳои XIV-XV, таҳқиқи минбаъдаи таърихи Мовароуннаҳр ва Хуросони давраи мазкур, дар раванди таълим, зимни хондани лексия, курсҳои махсус дар муассисаҳои олии таълимӣ, таҳияи воситаҳои таълимӣ ва таълимӣ-методӣ истифода кард. Тавсия ва пешниҳоди муаллифро метавон ҷиҳати рушди илми таърихнигорӣ ва сарчашмашиносии миллӣ васеъ истифода намуд.

Довталаби дараҷаи илмӣ ба таври муътамад нишон медиҳад, ки омӯзиши интиқодии бисёре аз сарчашмаҳои таърихии ин давраи таърихӣ, хусусан рисолаи таърихии «Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст. Бояд ёдовар шуд, ки дар аҳди

шуравӣ ва имрӯз дар робита ба ин давраи таърихӣ таҳқиқоти чанде аз ҷониби муҳаққиқон ба сомон расидааст. Роҷеъ ба омӯзиши рисолаи Мирхонд, хусусан аҳди Темуриён дар дохил ва хориҷи кишвар мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Доираи омузиши ин мавзуъ ба таърихи ҷуғрофияи ин давраи таърихии Мовароуннаҳру Хуросон тааллуқ дорад.

Аз лиҳози сохтор ва методология, диссертатсия бо риояи талаботи илмии муосир анҷом ёфта, хулосаҳо ва пешниҳодҳои муаллиф дорои навовариҳои назарраси илмӣ мебошанд. Муаллиф тавонистааст бо роҳи муқоисаи таҷрибаи ватанӣ мушкилоти амалии масъалаи мазкурро пешниҳод намояд.

Муаллиф бо такя ба таҳлили муназзами адабиёти илмӣ дараҷаи омӯзиши масъала, сатҳи таҳқиқи он ва фазои холии назариявиро дар ин самт муайян менамояд. Мақсад ва вазифаҳои тадқиқот, инчунин объект ва предмети таҳқиқот ба таври равшан ва мушаххас ифода ёфта, равиши умумии илмию методологии рисоларо муайян месозанд. Ҳамзамон, дар ин бахш принсипҳои методологӣ ва методҳои асосии таҳқиқот, аз ҷумла таҳлилҳои муқоисавӣ, системавӣ ва институтсионалӣ бо асосҳои илмӣ муқаррар гардидаанд.

Дар маҷмуъ, сохтори дохилии рисола, пайвастагии мантиқии байни бобҳо, таърифи дақиқи масъалаҳо ва ҷанбаҳои таҳқиқшуда нишон медиҳанд, ки муаллиф мавзуъро бо ҷаҳонбинии мукаммали илмӣ ва бо такя ба манбаъҳои муътамад мавриди омӯзиш қарор дода, тавонистааст натиҷаҳое ба даст оварад, ки барои рушди назариявии илм ва беҳбуди амалӣ дар ин самт арзишманд мебошанд.

Ҳамин тариқ, автореферати диссертатсияи Ҳиматзода Ҳасан Ҳимат дар мавзуи «Инъикоси вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV дар «Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд» пурра ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ буда,

тамоми унсурҳои зарурии илмиро дар бар мегирад. Маводи диссертатсия ифодаи таҳқиқоти амиқ ва системанок буда, саҳми назарраси муаллифро дар рушди илмҳои таърих ва фаҳмиши амиқи мавзуи таҳқиқ нишон медиҳад. Забон ва услуби баён дар автореферат равон, илмӣ ва дақиқ мебошад, ки бо сатҳи таҳқиқоти номзадӣ комилан мувофиқ аст. Сохтор ва мухтавои автароферат бо меъёрҳои илмии муқаррааргардида мувофиқ буда, таҳқиқоти муаллиф дорои арзиши назариявӣ ва амалӣ мебошад. Аз ин рӯ, автореферати диссертатсияи **Ҳиматзода Ҳасан Ҳимат** барои дарёфт намудани дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои тадқиқоти таърихӣ ба ҳимоя тавсия дода мешавад.

**Мукарриз:** н.и.т., дотсент, декани факултети
дипломатия ва сиёсати АИДНПҶТ /______________/Маҳмадзода У.Д.

Имзои Маҳмадзода У.Д.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
АИДНПҶТ /______________/Насурдинзода А.Н.

«_17_» _11_ 2025